«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии
“Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Асрорзода У.А.
«_03_»_02_________2026 сол

## ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи муосир мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шуда, дорои хусусияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошад.

Айни замон дар Тоҷикистон ҳам дар доктрина ва ҳам дар амалияи татбиқи ҳуқуқ масъалаҳои танзими розигӣ дар илми ҳуқуқ вобаста ба

пахн шудани он дар бисёр соҳаҳои фаъолияти хоҷагии ҷомеаи мо борҳо ба миён гузошта мешаванд. Илова бар ин, маъруфияти розигӣ меафзояд, ки яке аз сабабҳо зарурати ҳалли масъалаҳо хусусӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуъ бо як чанд омилҳои ҷиддӣ аз ҷониби муаллиф асоснок карда шудааст. Чуноне муаллиф зикр менамояд «Ифодаи истилоҳ ё мафҳуми «розигӣ» дар муносибатҳои маданию ҳуқуқӣ ва қонунгузории маданӣ дар истифодаи он дар якчанд падидаҳои ҳуқуқӣ зоҳир мегардад. Масалан, дар КМ ҶТ чунин ифодаи истилоҳи розигӣ дар қабули қарори якдилона, дар лаҳзаи бастани шартномаҳои мухталиф, инчунин ба маънои баёни иҷозат, зоҳир намудани посухи мусбӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад. Дар ҳолатҳои номбурда маъно ва мазмуни ҳуқуқии розигӣ ба таври гуногун истифода гардида, бояд истилоҳи розигӣ бевосита аз ҳар як нуктаи назар таҳқиқ карда шавад. Аммо новобаста аз мавҷуд будани шаклҳои гуногуни баёни навъҳои розигӣ, он дар ҳамаи ҳолатҳо амали мустақили ҳуқуқии яктарафа шуморида мешавад» (с.5).

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои соҳавии дигари ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии

таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсия дар асоси мавқеи устувори таҳқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Навоварии таҳқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии ҳалли масъалаҳо талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани таҳқиқоти комплексии проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шудааст. Чунин нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти навгонӣ доранд:

1. Асоснок карда шудааст, ки таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва доктриналӣ оид ба шакл, мундариҷа, давомнокии розигӣ ва муносибати муваққатии он бо амали маъқул донисташаванда нишон медиҳад, ки тартиби додани розигӣ дар қонунгузории маданӣ ба таври бояду шояд ва пароканда танзим гардидааст. Ба розигӣ танҳо дар ҳолате шакли ҳуқуқӣ дода мешавад, ки агар он маъқул донистани аҳд ё амали аҳаммияти ҳуқуқидоштаро таъмин намояд.

«Розигӣ» - ин ифодаи иродаи субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, амали ихтиёрӣ ё беамалии аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ва мақоми он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, иштироки мустақили мақомоти давлатии он дар муносибатҳои маданӣ, инчунин ширкат варзидани мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар чунин раванд мебошад, ки дар маъқул донистани аҳд ва дигар амалҳои ҳуқуқии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода мегардад.

Розигии субъектони муносибатҳои маданӣ метавонад дар шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба монанди дар зоҳир намудани амали яктарафа аз ҷониби субъектон, санадҳои корпоративии қабулшуда

(масалан, қарори маҷлиси ҷамъиятҳои саҳомӣ ва дорои масъулияти маҳдуд), санади маъмурие, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳамчун субъекти алоҳида ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар минтақаи муайян зоҳир гардад. Пешниҳод мегардад, ки новобаста аз истифодаи «розигӣ» ҳамчун изҳори иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки дорои оқибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ вуҷуддошта, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ розигӣ ҳамчун воситаи ягонаи ифодаи иродаи субъектон ва амали маданӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад, зеро баёни розигӣ асосан дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои аҳаммият ва хусусияти ҳуқуқӣ буда, дар раванди таҳлил ва таҳқиқи илмию амалӣ ва ҳуқуқии он усули анҷом додан, мазмуни ирода ва мақсади иқтисодӣ ба назар гирифта мешавад.

Агар дар қонунгузории амалкунанда барои иҷрои амали ҳуқуқӣ «розигӣ» танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти бо қонун ба ӯ додашуда, ки дар заминаи амалисозии ваколатҳои худ дар муомилоти маданӣ дода шавад, чунин розигӣ тавассути санади маъмурӣ амалӣ карда мешавад.

2. Муайян гардидааст, ки «розигӣ» ифодаи амали ҳуқуқии яктарафаи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ буда, мазмуни содда ва дорои асоси ҳуқуқии мухталиф шуморида мешавад, ки ба субъектони ҳуқуқӣ имконият медиҳад, ки ҳифзи манфиатҳои шахсӣ ва (ё) оммавии худро таъмин намоянд. Ҳамзамон «розигӣ» ифодаи яктарафаи иродаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқии дар қонун пешбинигардида мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ҳуқуқӣ дар муайян намудани эътибори аҳди дахлдор мегардад. «Розигӣ» аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ баёни ҳуқуқии субъект ба ҳисоб рафта, қисми ҷудонопазири ҳуқуқи субъективӣ шуморида шуда, ҳамчун ҳуқуқ ба амалҳо ва рафтори шахсӣ буда, дар баъзе мавридҳо дорои хусусияти асосӣ ва ёрирасонӣ мебошад, зеро падидаи мазкур дар ягон маврид тамоми мазмуни асосии ҳуқуқи субъективиро дарбар намегирад, балки танҳо дар механизмҳои амалисозӣ ва ташаккули рафтори субъекти ҳуқуқӣ замина ба вуҷуд меорад.

3. Розигии иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқиро, ки ҳамчун категорияи алоҳидаи ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи

хусусиятҳои хоси худ вобаста ба навъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, манфиати ҳифзшавандаи субъектони маданӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ тасниф кардан мумкин аст. Таснифи розигӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин амалӣ карда мешванд: - шакли ифодаи он, ки ба воситаи хаттӣ (электронӣ), шифоҳӣ ё баёни ишора; - вақти додани розигӣ ба амали ҳуқуқии маъқул донисташаванда; - намудҳои таркиби муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он зоҳир намудани розигӣ муҳим мебошад; - хусусияти ҳуқуқии амалу рафторе, ки баёни розигӣ дар он зарур мебошад.

4. Муайян гардидааст, ки қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии аҳдҳое, ки бо розигӣ баста шуда, баъдан беэътибор дониста мешавад, муайян намекунад. Агар дар санадҳои ҳуқуқӣ шакли муайяни баёни розигӣ зикр шудааст ва бо вайрон намуни ифодаи шакли муайяни розигӣ баён ёфтааст, чунин розигӣ беэътибор ҳисобида мешавад. Агар ин аҳд аз иродаи як тарафи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста бошад, он гоҳ нисбат ба он талаботи дар боби 10 КМ ҶТ муқарраргардида дар хусуси беэътибор донистани аҳдҳои маданӣ татбиқ мешаванд. Барои мисол, аҳде, ки дар натиҷаи расонидани зӯроварӣ (аз ҷумла зӯроварии моддӣ ва маънавӣ), гумроҳӣ ё бо фиреб, таҳдид анҷом дода шудааст, аз лаҳзаи баста шуданаш беоқибат ва дар баъзе мавридҳо беэътибор дониста мешавад. Агар аз ҷониби мақоми иҷроияи шахси ҳуқуқӣ санади дохилӣ (локалӣ) қабул гардида бошад, (масалан, қарори умумии аъзоён-иштирокчиёни маҷлис), пас қоидаҳо дар бораи беэътибор донистани қарори дахлдори иштирокчиёни ҷаласа қабул карда мешавад, ки чунин талабот дар қонунҳои дахлдор дар бораи ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ғайра муқаррар шудааст; агар санади маъмурӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии ҶТ қабул гардида (инчунин, мақоми ҳокимияти маҳаллӣ) бошад, дар чунин ҳолат санади мушаххасе, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ намебошад, тибқи қоидаҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида мавриди баҳс қарор дода мешавад, яъне дар хусуси беэътибор донистани он ба мақомоти судӣ муроҷиат карда мешавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар натиҷаи гузаронидани

таҳқиқоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон доираи васеи маводи илмии алоқаманд ба муҳтавои фарогирандаи мавзуи таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқ ва натиҷагирӣ қарор дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар раванди минбаъдаи омӯзиш ва таҳлили мавзуъ, навиштани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҷараёни таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунгузорӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур аҳаммияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи асосноккунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъала бармеоянд. Рисолаи мазкур, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба розигӣ мебошад. Дар ин замина муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиқкуниро ба таври муназзам таҳлилу баррасӣ намудааст. Гузашта аз ин, муаллиф рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал ва пурғановат гардонидани рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Таҳлили муфассали доктринаи ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ имконият фароҳам овардааст, ки истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои асосӣ оид ба мавзуи баррасишаванда равшан шуда, дар партави он пешниҳодҳои муайяни илмӣ манзур шудаанд, ки барои такмили қонунгузории соҳа ва татбиқи самараноки меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалия кумак менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд. Саҳми шахсии довталаби

дарёфти дарачаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла, семинарҳо, семинар-машваратҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва назариявӣ, форумҳои миллӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷодаи илм ба муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, асос мегардад. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии таҳқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Таҳлили густурдаи мавзуи таҳқиқот ва дар асоси он нашр гардидани натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ, эътимоднокии онро пурра тасдиқ менамоянд. Тавсия ва пешниҳодҳои манзуршудаи муаллиф бо дарназардошти таҳлилҳои муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, бахусус амалияи мақомоти судӣ сурат гирифтааст.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Чоп намудани таълифоти натичаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ 10 маколаи илмӣ, аз чумла 6 макола дар мачаллаҳои такризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон ва 4 макола дар дигар мачалаҳои илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» бахшида шудаанд.

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маколаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Ҳачм ва сохтори диссертатсия.** Муаллиф ба пуррагӣ тавониста аст, ки дар доираи 3 боб ва 6 зербоб моҳитяти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионро баррасӣ кунад. Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарачаи илмиро дар бар мегирад.

Дар **мукаддима** асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалия вобаста ба мавзуъ матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натичаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якуми рисола** «Табиати ҳуқуқии розигӣ ва ифодаи ирода дар ҳуқуқи маданӣ» масъалаҳои мафҳуми «розигӣ» ва аҳаммияти он дар ҳуқуқи маданӣ , ҳамчунин ирода ва ифодаи он ҳангоми бастани аҳдҳои маданӣ баррасӣ шудааст. Дар ин боб муаллиф назарияҳои гуногунро доир ба ирода ва ифодаи он баррасӣ карда, ба хулосаҳои муҳими илмию амалӣ омадааст.

**Боби дуюми рисола** бахшида шудааст ба намудҳо ва шаклҳои ҳуқуқии розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ. Дар ин боб намудҳо ва аломатҳои розигӣ ҳамчун тарзи батанзимдарорӣ дар ҳуқуқи маданӣ, шаклҳои ҳуқуқӣ ва вазифаҳои розигӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирфтааст. Дар боби мазкур мисолҳои гуногун аз таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ ва таҷрибаи судӣ доир ба эътибори ҳуқуқии розигӣ оварда шудааст.

**Боби сеюми рисола** ба баррасии оқибатҳои ҳуқуқии риоя накардани ифодаи розигӣ дар ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Дар ин боб тартиби ифодаи розигӣ дар амали субъектони ҳуқуқи маданӣ ва оқибатҳои ҳуқуқӣ-мадании амалҳое, ки бе розигии дахлдор иҷро карда шудаанд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 5.5.3 – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти

андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия ва авторефреат пешниҳод мешаванд:

1. Номи рисола дар матни автореферат ба забони русӣ ва тоҷикӣ каме фарқият дорад. Дар забони русӣ «гражданско - правовое» ва дар забони тоҷикӣ «ҳуқуқи мадании» омадааст. Хуб мешуд агар дар матни забони тоҷикӣ ибораи «ҳуқуқию мадании» ё «ҳуқуқӣ - маданӣ» истифода мешуд.

2. Дар рисола муаллиф масъалаи сукутро баррасӣ карда, татбиқи онро бо назардошти хусусиятҳои хос баъзан манфӣ баҳо додааст. Аммо мутаассифона фарқият ва хусусиятҳои хоси сукутро аз «розигии мушаххас» бо таври саҳеҳ ҷудо накардааст. Хуб мешуд ҳангоми ҳимоя доир ба ин масъала равшанӣ андохта шавад.

3. Муаллиф дар саҳифаи 49 рисола зикр менамояд, ки «инчунин бояд гуфт, ки розигӣ як амали иловагӣ мебошад». Бо чунин андеша розӣ шудан душвор аст, зеро розигӣ ҷанбаи мазмунии муносибат ва муомилоти ҳуқуқи маданӣ аст ва он ҳамеша хусусияти асосӣ дорад, на иловагӣ.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои ҳуқуқи мадании танзими розигӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Хулоса доир ба диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шерзода Меҳрангез Абдувалӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи маданӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳаҳои ҷумҳурӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Тақриз тибқи талаботи бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ № 1 аз 30 -уми январи соли 2026.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Меликов У.А. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. прфессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. – ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи

соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ) омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра № 1 аз 30- уми январи соли 2026.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Холиков Н.А.

Ташхисгар, д.и.ҳ., и.в. профессори кафедраи
ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Меликов У.А.

Котиби ҷаласа, н.и.ҳ., муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Шерализод С. М.

Имзои Холиқов Н.А., Меликов У.А.
ва С. М. Шерализодро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус ДБССТ — Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj E-mail: dsx_ips@mail.ru

«30» 01 2026 сол